**Тақризи**

роҳбари илмии рисолаи диссертатсионии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи **«Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, муҷтамаъҳо ва шабакаҳои компютерӣ»

Муаллифи диссертатсия Пиров Саидали Мирзоалиевич аз соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) қабул гардида, аз ҳамон сол корҳои илми-таҳқиқотии худро оғоз намудааст.

Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмии худ муаллифи диссертатсия аз адабиёти хориҷию ватанӣ истифода бурда дар самти моделсозии математикии забоншиносӣ саҳми сазоворе гузоштааст.

Аз натиҷаи рисолаи диссертатсионӣ, иштирок дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дида мешавад, ки унвонҷӯ Пиров С.М. ҳангоми гузаронидани таҳқиқот мустақилият зоҳир намуда, ҳамчун мутахассиси ба комилрасида худро нишон додааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии Пиров С.М. ба амсиласозии риёзӣ ва компютерии масъалаҳои соҳаи забоншиносӣ, хусусун масъалаи хушоҳангии калимашаклҳои забони тоҷикӣ ва ошкор намудани аломатҳои душворталаффузии онҳо бахшида шудааст. Хушоҳангӣ мафҳуми сифатӣ мебошад, зеро ҳар фард ба садои калима, ҷумла, шеър, матн ва гуфтор ба таври худ баҳо медиҳад. Дар баробари ин, мафҳуми баррасишаванда оморӣ аст, зеро маҷмуи шахсони алоҳида нисбати як объект дар бисёр мавридҳо андешаи «умумӣ»-ро ифода мекунанд. Ин далел асоси рушди эвфонометрия ҳамчун фанни нави илмӣ, ки ба омӯзиши қолабҳои хушоҳангӣ дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бо истифода аз усулҳои риёзӣ ва оморӣ нигаронида шудааст, ба ҳисоб

меравад. Аҳамияти амалии чунин таҳқиқотҳо дар таъсири бешубҳаи сифати овозии нутқ ба натиҷаҳои дарки иттилоот мебошад.

Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигари шомили пойгоҳи eLIBRARY.ru дар маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалиро ташкил медиҳад.

Рисолаи номзадӣ аз «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб бо параграфҳо, бахши «Хулоса», «Рӯйхати адабиёт», сарчашмаҳои истифодашуда ва бахши «Замимаҳо», иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи рисолаи номзадӣ ва мақсади он, гузориши масъала, объект ва предмети рисола, навоварии илмӣ, аҳамияти амалии мавзуъ ва таҳлили масъалаи гузошташуда аз ҷониби олимони гуногун оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – “**Таҳлили масъалаи хушоҳангии матнҳо ва ҷанбаҳои пайдоиши овозҳои нутқ**” ба таҳлили масъалаҳои назариявию амалии овозҳои нутқ, хусусиятҳои фонологӣ ва тавлидии овозҳо, масъалаи хушоҳангии калимашаклҳо ва амсилаҳои мавҷудбудаи баҳодиҳии хушоҳангии матнҳо бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **“Таҳияи асосҳои андозагирии хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ ва татбиқи амсилаҳои риёзӣ дар он”** – ба омӯзишу татбиқи амсилаи риёзӣ ва компютерии масъалаи гузошташуда равона гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия – **“Таҳияи маҷмуаи барномавии “Хушсадо””** номгузорӣ шудааст, ки дар он раванди пурраи таҳияи системаи шинохти хушоҳангии калимашаклҳо оварда шудааст. Муаллиф дар асоси далелҳои овардашуда ба хулосае омадааст, ки таҳияи системаҳои худкори шинохти хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ барои нигоҳ доштани покизагии забони тоҷикӣ, хоно ва гӯшрасу хотирнишин

будани калимаҳо ва дар оянда дар асоси он таҳия намудани фарҳангҳои электронии калимаҳои хушоҳангу ва системаҳои худкори баҳодиҳии матнҳо нақши муҳими худро мегузорад.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки рисолаи номзадии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи: **«Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ»** кори илмии мустақилона ба анҷом расида буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳои номзадӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шиносномаи ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, муҷтамаъҳо ва шабакаҳои компютерӣ омода гардидааст.

Дар ин радиф меҳисобам, ки муаллифи диссертатсия Пиров Саидали Мирзоалиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.13.11 – Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.т., и.в. профессори кафедраи
информатикаи ДМТ, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудаки, 17.
Тел:(+992)98-507-27-87.
E-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru ____________ **Мирзоев С.Ҳ.**

**Имзои Мирзоев С.Ҳ. -ро тасдиқ мекунам: Сардори РК ва КМ ДМТ** ____________ **Тавқиев Э.Ш.**

24.01.25